АГЕНТИИ ХИЗМАТИ ДАВЛАТИИ
НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

734003, шаҳри Душанбе, кӯчаи Саид Носир-33, тел./факс: (992 37) 2211249, 2248981, 2240274
Веб-сайт: www.ahd.tj, почтаи электронӣ: info@ahd.tj

**№ 03-1026 аз «13» 10 соли 2015**
**Ба №__________ аз «___» __________ соли 20__**

Мақомоти давлатӣ, хизматчиёни давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ

Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати иҷрои банди 4.1.1.2 Матритсаи амалиёти Стратегияи баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардуми Тоҷикистон барои солҳои 2013 – 2015, зербанди 12.1 банди 12 Нақшаи чорабиниҳо оид ба таъмини иҷрои тавсияҳои Созмони ҳамкории иқтисодӣ ва рушд (СҲИР) барои Тоҷикистон дар доираи Нақшаи Истамбулии Шабакаи мубориза бо коррупсия барои кишварҳои Аврупои Шарқӣ ва Осиёи Марказӣ, ки бо қарори Шӯрои миллии муқовимат ба коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри соли 2012 №2 тасдиқ гардидааст, лоиҳаи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Дар бораи тасдиқи Низомномаи тартиби гузаронидани озмун барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ» дар таҳрири нав таҳия намудааст.

Лоиҳаи Низомномаи мазкур ва асосноксозии он барои шиносоӣ ва пешниҳоди хулоса дар сомонаи Агентии хизмати давлатӣ ҷой дода шудааст.

Эҳтиромона хоҳиш менамоем, таклифу пешниҳодҳои худро то 30 октябри соли 2015 дар шакли хаттӣ ё ба воситаи ҳамин сомона ба Агентии хизмати давлатӣ ирсол намоед.

Директори Агентӣ Ҷ. Давлатов

Асосноккунии
лоиҳаи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
«Дар бораи тасдиқи Низомномаи тартиби гузаронидани озмун барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ»

Лоиҳаи мазкурро Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати иҷрои банди 4.1.1.2 Матритсаи амалиёти Стратегияи баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардуми Тоҷикистон барои солҳои 2013 – 2015, зербанди 12.1 банди 12 Нақшаи чорабиниҳо оид ба таъмини иҷрои тавсияҳои Созмони ҳамкории иқтисодӣ ва рушд (СҲИР) барои Тоҷикистон дар доираи Нақшаи Истамбулии Шабакаи мубориза бо коррупсия барои кишварҳои Аврупои Шарқӣ ва Осиёи Марказӣ, ки бо қарори Шӯрои миллии муқовимат ба коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри соли 2012 №2 тасдиқ гардидааст, тавсияҳои 12 Созмони зикргардида, тибқи талаботи моддаи 18 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» таҳия намудааст.

Лоиҳа қаблан дар шакли лоиҳаи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 майи соли 2009, №659 «Дар бораи Низомномаи тартиби гузаронидани озмун барои ишғоли мансабҳои маъмурии хизмати давлатӣ» омода карда шуд.

Аз натиҷаи баррасии пешниҳоди вазорату идораҳо ба 43 банди Низомномаи амалкунанда тағйиру иловаҳо ворид, 7 банд хориҷ, 5 банди дигар илова карда шуд. Тағйиру иловаҳои пешниҳодшуда зиёда аз 80 фоизи матни Низомномаи амалкунандаро фаро гирифта, истифодаи минбаъдаи онро душвор мегардонанд.

Бинобар ин лоиҳаи Низомномаи тартиби гузаронидани озмун барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ дар таҳрири нав омода карда шуда, такроран ба баррасии вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ пешниҳод карда мешавад.

Лоиҳаи нав бо талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ», забони давлатӣ ва рушди хизмати давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ карда шудааст.

Дар лоиҳаи Низомнома талаботи СҲИР дар барои таъмини шаффофияти  бештар ҳангоми  баргузории озмун, пешбинӣ намудани расмиёте, ки холисӣ ва беғаразиро дар чараёни баҳогузории номзадҳо таъмин мекунад, пешбинӣ гардидааст.

Аз ҷумла, бо мақсади таъмини болоравии мансабии хизматчиёни давлатӣ, ташкили фаъолияти самараноки захираи кадрҳои хизмати давлатӣ шакли озмуни дохилӣ, ки дар Низомномаи амалкунанда пешбинӣ шудааст, хориҷ карда шуд.

Барои дастрас намудани эълони озмун ва ҷалби бештари довталабон нашри эълон дар бораи гузаронидани озмун дар сомонаи мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ, сомонаи мақомоти дахлдори давлатӣ низ пешбинӣ мегардад.

Дар лоиҳаи мазкур талаботи дигари СҲИР дар мавриди тариқи электронӣ пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳои довталабон низ ба инобат гирифта шудааст.

Дар лоиҳа имконияти истифода аз таҷҳизоти техникӣ, сабт намудани рафти суҳбат ва дар протоколи ҷаласаи ҷамъбастии комиссияи озмун қайд кардани ин раванд пешбинӣ гардидааст.

Ба Низомнома боз дигар тағйиру иловаҳо низ пешниҳод карда мешаванд.

Дар лоиҳаи Низомнома омилҳои коррупсионӣ ҷой надошта, татбиқи он маблағгузории иловагии буҷетиро талаб намекунад.

Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Лоиҳаи

# Ф А Р М О Н И
# ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи тасдиқи Низомномаи тартиби гузаронидани озмун барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ**

Мутобиқи моддаи 18 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» ва бо мақсади ташкили низоми устувори интихобу ҷобаҷогузории кадрҳои хизмати давлатӣ ф а р м о н м е д и ҳ а м:

1. Низомномаи тартиби гузаронидани озмун барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ тасдиқ карда шавад (замима мегардад).
2. Вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот дар фаъолияти минбаъдаи худ татбиқи Низомномаи мазкурро таъмин намоянд.
3. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 майи соли 2009 №659 «Дар бораи тасдиқи Низомномаи тартиби гузаронидани озмун барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ» аз эътибор соқит дониста шавад.

Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон

Бо Фармони Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «__» _______ соли 20__
№_____ тасдиқ шудааст

# НИЗОМНОМАИ
тартиби гузаронидани озмун барои ишғоли мансабҳои
холии маъмурии хизмати давлатӣ

## I. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1.Низомномаи тартиби гузаронидани озмун барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ (минбаъд - Низомнома) бо мақсади татбиқи моддаи 18 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» таҳия гардида, қоидаҳои гузаронидани озмун барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатиро танзим менамояд.

2. Озмун барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ (минбаъд - озмун) ҷиҳати таъмини баробарҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - шаҳрвандон), хизматчиёни давлатии маъмурӣ, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои баландихтисос ва салоҳиятнок дар хизмати давлатӣ, инчунин таъмини болоравии касбии хизматчиёни давлатӣ гузаронида мешавад.

3. Дар озмун довталабоне ҳуқуқи иштирок карданро доранд, ки ба талаботи тахассусии мансаби холӣ ва Низомномаи мазкур мувофиқат мекунанд.

4. Таъини хизматчиёни давлатии маъмурӣ ба мансабҳои маъмурии хизмати давлатӣ дар ҳолатҳои зерин бе озмун сурат мегирад:

- ҳангоми бо амру фармонҳо ва розигии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармоишу қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мансабҳои давлатии хизмати давлатӣ таъин гардидан;

-барои мансабҳое, ки таъин ба онҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурати дуҷониба дорад (таъин бо гирифтани розигии хаттӣ);

- барои мансабҳои интихобӣ;

- ҳангоми таъин намудан дар асоси тавсияи комиссияи аттестатсионӣ;

- ҳангоми таъин намудан аз ҳисоби шахсоне, ки ба захираи кадрҳои мақомоти давлатӣ барои ишғоли мансаби баландтар дохил карда шудаанд;

- дар сурати аз як мансаб ба мансаби дигари холии баробар ва ё ба мансаби категорияи пасттар дар ҳамон мақомоти давлатӣ бо розигии хаттӣ гузаронидани хизматчии давлатии маъмурӣ;

- дар ҳолатҳое, ки мансаби ишғолнамуда ё мансаби ба он баробар тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон нигоҳ дошта мешавад;

-ҳангоми барқарор намудан ба мансаб;

- ҳангоми барҳам додан, азнавташкилдиҳӣ, ё таҷдиди мақоми давлатӣ бо розигии хизматчии давлатӣ таъин намудан ба мансабҳои баробар ё ба мансаби категорияи пасттар дар мақоми давлатии азнавташкилёфта ё дигар мақомоти давлатӣ;

- бинобар ихтисори шумора ё воҳидҳои корӣ, ҳангоми бо розигии хизматчии давлатӣ таъин намудан ба мансабҳои баробар ё ба мансаби категорияи пасттар дар ҳамон мақоми давлатӣ ё дигар мақомоти давлатӣ;

- ҳангоми ҷойивазкунӣ (ротатсия) мувофиқи тартиби муқарраргардида ва риояи талаботи тахассусӣ дар ҳамон мақомоти давлатӣ ё дар дигар мақомоти давлатӣ;

- дар мақомоти давлатии навтаъсис танҳо ба мансабҳои роҳбарони сохторҳои кадрӣ ва молиявӣ;

- аз ҳисоби мутахассисони ҷавони тибқи квотаҳои давлатӣ ва/ё роҳхати мақомоти давлатӣ муассисаҳои олии таълимиро хатмкарда, ҳангоми маротибаи аввал таъин намудан.

5. Мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ (минбаъд - мансабҳои холӣ) мансабҳои маъмурии хизмати давлатие (ба ғайр аз мансабҳои маъмурии категорияи олӣ) эътироф карда мешаванд, ки дар Феҳристи мансабҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардида, холӣ мебошанд.

6. Озмун дар сурати мавҷуд будани мансабҳои холӣ бо қарори (фармоиши, амри) роҳбари мақоми давлатӣ эълон карда мешавад.

7. Дар ҳолатҳои зарурӣ озмун барои ишғоли мансабҳои холии мақомоти давлатӣ бо дастури Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон карда мешавад, ки он низ тибқи талаботи ҳамин Низомнома гузаронида мешавад.

8. Гузаронидани озмун дар дигар шаклҳои пешбининакардаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ мебошад.

9. Монеъ шудан ба иштироки шаҳрвандон ва хизматчиёни давлатӣ дар озмун аз тарафи шахсони мансабдор ва дигар шахсони барои гузаронидани озмун мутасаддӣ манъ аст.

10. Принсипҳои асосии гузаронидани озмун инҳо мебошанд:

- воқеъбинона, шаффоф ва холисона гузаронидани озмун ва баҳогузорӣ ба довталабон;

- таъмини баробарҳуқуқии довталабон ҳангоми гузаронидани озмун;

- риояи санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдори Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми гузаронидани озмун.

11. Озмун аз давраҳои зерин иборат аст:

- таъсиси комиссияи озмуни мақоми давлатӣ;

- таҳия ва нашри эълон дар бораи гузаронидани озмун дар воситаҳои ахбори омма, сомонаи мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ ва сомонаи мақомоти дахлдори давлатӣ;

- шинос намудани довталабон бо дастурамали мансабии мансаби холии ба озмун пешниҳодкардашуда ва номгӯи саволҳои озмун (аз тарафи сохтори кадрии мақомоти давлатӣ);

- қабули ариза ва ҳуҷҷатҳои довталабон;

- таҳияи рӯйхати умумии довталабоне, ки ҳуҷҷат супоридаанд;

- баррасии ҳуҷҷатҳои довталабон барои муайян намудани мувофиқати онҳо ба талаботи тахассусӣ ва тартиб додани рӯйхати довталабоне, ки ба суҳбат иҷозат дода мешаванд (рӯйхати кӯтоҳ);

- гузаронидани суҳбат бо довталабон, баҳогузорӣ ва ҷамъбасти натиҷаи озмун;

- баррасии такрории ҳуҷҷатҳои довталабон барои муайян намудани мувофиқати онҳо ба талаботи тахассусӣ ва/ё гузаронидани озмуни такрорӣ дар ҳолатҳое, ки Низомномаи мазкур пешбинӣ намудааст;

- татбиқи қарори комиссияи озмун.

12. Баррасии ҳуҷҷатҳои пешниҳодшуда ва суҳбат бо довталабон бо тартиби пешбининамудаи Низомномаи мазкур анҷом дода мешавад.

13. Хароҷоти вобаста ба иштироки довталаб дар озмун (омаду рафт ба (аз) маҳалли гузаронидани озмун, иҷораи ҷойи истиқомат) аз ҳисоби довталаб пардохт карда мешавад.

## 2. ТАРТИБИ ТАШКИЛ ВА ФАЪОЛИЯТИ КОМИССИЯИ ОЗМУН

14. Комиссияи озмун барои ишғоли мансабҳои холии мақоми давлатӣ (минбаъд - комиссияи озмун) бо қарори (фармоиши, амри) роҳбари мақоми давлатӣ, ки ҳуқуқи таъин ба мансабҳои холиро дорад, дар ҳайати раис, котиб ва аъзои комиссияи озмун иборат аз 5 то 9 нафар таъсис дода шуда, ба таври доимӣ амал менамояд. Роҳбари мақоми давлатӣ ҳангоми зарурат метавонад бо қарори (фармоиши, амри) худ ба ҳайати комиссияи озмун тағйирот ворид намояд.

15. Ҳангоми бо дастури Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ё Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон намудани озмун комиссияи озмун низ мумкин аст аз тарафи онҳо таъсис дода шавад.

16. Ба ҳайати комиссияи озмун аз рӯи мансаб роҳбари мақоми давлатӣ (ё муовини ӯ), намояндагони сохторҳои кадрӣ, ҳуқуқӣ, иттифоқи касаба, ташкилоти илмӣ ё муассисаҳои таҳсилоти касбии соҳавӣ, мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ ва дигар кормандони таҷрибадори мақоми давлатӣ ворид карда мешаванд. Ба комиссияи озмун роҳбари мақоми давлатӣ (ё муовини ӯ) раисӣ менамояд. Дар кори комиссияи озмун роҳбари воҳиди сохтории мақоми давлатӣ, ки ба он корманд қабул карда мешавад, ҳуқуқ дорад бо овози машваратӣ иштирок намояд.

17. Дар мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ барои сохторҳои маҳаллии мақомоти давлатие, ки аз буҷети маҳаллӣ маблағгузорӣ мешаванд ва барои мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот комиссияи муттаҳидаи озмун таъсис дода мешавад. Ба ҳайати комиссия вобаста ба озмуни мансабҳои холии сохторҳои мақомоти давлатии аз буҷети маҳаллӣ маблағгузоришаванда ва мақомоти худидоракунии шаҳраку деҳот намояндагони ҳамин мақомот дохил карда мешаванд, ки онҳо дар озмун ҳангоми суҳбат танҳо нисбати довталабони мақомоти худ ҳуқуқи иштирок карданро доранд.

18. Фаъолияти комиссияи озмун дар шакли ҷаласа сурат мегирад. Ҷаласаи комиссияи озмун ҳамон вақт босалоҳият ҳисобида мешавад, ки дар кори он аз се ду ҳиссаи ҳайати комиссияи озмун иштирок дошта бошанд.

19. Иштироки намояндаи мақоми марказии ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ дар рафти гузаронидани суҳбат бо довталабон барои ишғоли мансабҳои холӣ дар тамоми ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ё иштироки намояндаи сохторҳои маҳаллии он дар рафти гузаронидани суҳбат бо довталабон барои ишғоли мансабҳои холӣ дар ҳудуди дахлдор ҳатмӣ мебошад. Намояндаи мақоми ваколатдор ҳуқуқи овоз доданро дорад. Дар бораи гузаронидани суҳбат бо довталабон мақоми ваколатдор ва сохтори дахлдори маҳаллии он на дертар аз 3 рӯзи корӣ пеш аз гузаронидани суҳбат ба таври хаттӣ хабардор карда мешаванд.

20. Агар довталаб ба мансаби холии ба озмун пешниҳодшуда аъзои комиссияи озмун бошад, ҳангоми гузаронидани озмуни ин мансаби холӣ ӯ аз ҳайати комиссияи озмун хориҷ карда мешавад, ки ҳолати мазкур дар протоколи баррасии ҳуҷҷатҳо нишон дода мешавад.

21. Комиссияи озмун вазифаҳои зеринро иҷро менамояд:

-муайян намудани вақт ва маҳалли баррасии ҳуҷҷатҳо ва гузаронидани суҳбат бо довталабон;

-баррасии ҳуҷҷатҳои довталабон дар вақт ва маҳалли муайянкардашуда ҷиҳати муқаррар намудани мувофиқати онҳо ба талаботи тахассусӣ, тартиб додани рӯйхати довталабон барои суҳбат (рӯйхати кӯтоҳ);

-гузаронидани суҳбат бо довталабон дар вақт ва маҳалли муайянкардашуда;

- ҷамъбасти натиҷаи озмун ва пешниҳоди он барои баррасӣ ба роҳбари мақоми давлатӣ;

- гузаронидани озмуни такрорӣ (дар ҳолатҳои пешбининамудаи Низомномаи мазкур).

22. Барои тартиб додани ҳуҷҷатҳо ва санадҳои комиссияи озмун, даъвату гусели довталабон гурӯҳи мусоидат дар ҳайати котиби комиссияи озмун ва ёрдамчии маъмурии комиссияи озмун ташкил карда мешавад. Ҳайати гурӯҳи мусоидат ҳуқуқи овоз доданро надорад.

23. Ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ оид ба гузаронидани озмун, мусоидат ва назорати кори комиссияҳои озмун аз тарафи мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ ва сохторҳои дахлдори маҳаллии он анҷом дода мешавад.

## 3. ЭЪЛОН ДАР БОРАИ ГУЗАРОНИДАНИ ОЗМУН

24. Таҳияи эълон дар бораи гузаронидани озмун, нашри эълон дар воситаҳои ахбори омма, ҷой додани он дар сомонаи мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ ва сомонаи мақомоти дахлдори давлатӣ аз тарафи сохторҳои кадрии мақомоти давлатӣ анҷом дода мешавад.

25. Эълон дар бораи гузаронидани озмун маълумоти зеринро дар бар мегирад:

- номи мақоми давлатӣ;
- номи мансабҳои холӣ бо нишон додани андозаи музди меҳнат;
- талаботи асосӣ нисбат ба довталабон, ки дар асоси талаботи тахассусӣ муайян карда мешаванд;
- муҳлати қабули ҳуҷҷатҳо (дар муҳлати 21 рӯз аз рӯзи нашри якуми эълон дар бораи гузаронидани озмун);
-нишон додани маҳалли ҷойгиршавӣ, суроға, нишонии сомона, суроғаи электронӣ, рақами телефон ва факси мақоми давлатӣ (бо мақсади гирифтани маълумоти иловагӣ);
- дигар иттилооти иловагӣ, ки ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мухолиф нест.

26. Ҳангоми дар сомонаи мақоми давлатӣ ҷой додани эълон дар бораи гузаронидани озмун ба ғайр аз маълумоти дар банди 25 Низомномаи мазкур нишондодашуда боз дастурамалҳои мансабии мансабҳои холии ба озмун пешниҳодгардида ва номгӯи саволҳои озмун ҷой дода мешаванд.

## 4. ҚАБУЛ, БАРРАСИИ ҲУҶҶАТҲО ВА СУҲБАТ БО ДОВТАЛАБОН

27. Довталабон барои иштирок дар озмун ҳуҷҷатҳои зеринро шахсан ва ё тариқи электронӣ пешниҳод менамоянд:

- ариза ба унвони роҳбари мақоми давлатӣ бо шакли дар замимаи 1 пешбинӣ кардашуда;
- варақаи шахсии баҳисобгирии кадрҳо (бо 2 дона акси андозаи 4х6);
-тарҷумаи ҳол;
- нусхаи ҳуҷҷатҳо дар бораи таҳсилот;
- нусхаи дафтарчаи меҳнатӣ (ба ғайр аз ҳолатҳое, ки шахс собиқаи меҳнатӣ надорад);
- маълумотнома оид ба вазъи саломатии шакли 086 УЕ;
- нусхаи шиноснома.

28. Ҳангоми ба тариқи электронӣ пешниҳод кардани ҳуҷҷатҳо ба озмун довталаб дар суҳбат ҳуҷҷатҳои аслиро пешниҳод менамояд.

29. Довталабон метавонанд оид ба таҷрибаи кор ва сатҳи касбии худ маълумоти иловагӣ (нусхаи ҳуҷҷатҳо дар бораи дараҷа ва унвони илмӣ, такмили ихтисос, номгӯи корҳои илмӣ, хислатномаҳо, тавсияҳо) пешниҳод намоянд.

30. Ариза ва ҳуҷҷатҳо аз тарафи довталабон бояд дар муҳлати барои қабул муқарраргардида пешниҳод карда шаванд.

31. Сохтори кадрии мақомоти давлатӣ рӯйхати умумии довталабонро таҳия карда, онро бо ариза ва ҳуҷҷатҳои пешниҳодшуда ба роҳбари мақоми давлатӣ манзур менамояд. Роҳбари мақоми давлатӣ рӯйхати умумӣ, ариза ва ҳуҷҷатҳоро барои баррасӣ ба комиссияи озмун ирсол мекунад.

32. Комиссияи озмун баъди анҷоми қабули ҳуҷҷатҳо дар давоми 7 рӯзи корӣ ҳуҷҷатҳои пешниҳодшударо баррасӣ мекунад, мувофиқати

довталабонро ба талаботи тахассусӣ нисбат ба мансабҳои холӣ муайян карда, дар бораи ба суҳбат иҷозат додан ё надодани онҳо, меъёрҳои холи гузариши довталабон, маҳал ва рӯзи баргузории озмун (на дертар аз 3 рӯзи корӣ баъди баррасии ҳуҷҷатҳо) қарор қабул намуда, аз ин хусус довталабони ба озмун иҷозатдодашударо хабардор менамояд. Довталабони ба суҳбат иҷозатдоданашуда низ дар ҳамин муҳлат огоҳ карда мешаванд.

33. Қарори комиссияи озмун дар бораи баррасии ҳуҷҷатҳо дар шакли протокол таҳия карда шуда, аз ҷониби раиси комиссия, аъзо ва котиби комиссияи озмун имзо карда мешавад. Ба протокол дар бораи баррасии ҳуҷҷатҳо рӯйхати кӯтоҳи довталабони ба суҳбат иҷозатдодашуда замима мегардад.

34. Дар ҳолати тағйир ёфтани санаи гузаронидани озмун бо сабабҳои узрнок бо қарори роҳбари мақоми давлатӣ озмун ба вақти дигар гузаронида шуда, дар ин хусус мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ, аъзои комиссияи озмун ва довталабон огоҳонида мешаванд.

35. Ҷаласаи комиссияи озмун дар шакли суҳбат бо довталабон (минбаъд – суҳбат) гузаронида мешавад.

36. Барои муайян кардани сатҳи дониш ва малакаи касбии довталабон мумкин аст аз дигар шаклҳои санҷиш (навиштани кори хаттӣ, санҷиши тестӣ ва ғ.) истифода карда шавад. Дар чунин ҳолатҳо довталабон ба санҷиши инфиродӣ ё гурӯҳӣ пеш аз суҳбат фаро гирифта мешаванд.

37. Суҳбат бо ҳар як довталаб алоҳида гузаронида мешавад. Дар рафти суҳбат сатҳи дониш, дараҷаи тахассус, донистани забони давлатӣ ва хориҷӣ, кор бо технологияи муосири электронӣ ва дигар нишондодҳои дар варақаи баҳодиҳии сатҳи дониш ва тайёрии касбии довталаб (замимаи 2) пешбинигардида муайян карда мешавад. Меъёри баҳодиҳӣ аз 1 то 5 хол муқаррар гардида, барои нишондоди сатҳи дониши касбӣ, ки ба тахассуси мансаби ишғолшаванда алоқаманд аст, меъёри аз 1 то 10 хол пешбинӣ мешавад.

38. Рафти суҳбат бо довталабон ва қарори комиссияи озмун дар шакли протокол бо сабти мухтасари саволу ҷавоб ба расмият дароварда шуда, он аз тарафи раис, аъзо, намояндаи мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ ва котиби комиссияи озмун имзо карда мешавад. Дар рафти суҳбат мумкин аст аз таҷҳизоти техникии сабт истифода карда шавад, ки оид ба истифодаи таҷҳизоти техникии сабт дар протоколи ҷаласаи ҷамъбастии комиссияи озмун қайд карда шуда, сабтҳо ба протокол замима карда мешаванд.

39.Ҷаласаи ҷамъбастии комиссияи озмун баъди анҷоми суҳбат бо довталабон баргузор гардида, номзадҳо барои ишғоли мансабҳои холӣ тавсия дода мешаванд. Қарори комиссияи озмун дар ғоибии довталаб қабул карда мешавад. Довталаб дар ҳолати ба даст овардани баҳои баландтари холи гузариши муқарраршуда аз озмун гузашта ҳисобида мешавад. Комиссияи озмун ҳуқуқ дорад довталабро тибқи натиҷаҳои суҳбат ба мансаби холии категорияи пасттари ҳамин мақоми давлатӣ бо риояи талаботи тахассусӣ тавсия намояд.

40. Қарори комиссияи озмун барои татбиқ ба роҳбари мақоми давлатӣ пешниҳод карда мешавад ва он ҷиҳати таъин ба мансабҳои холӣ асос мегардад.

41. Дар сурати ба суҳбат ҳозир нашудани довталаб, ӯ аз озмун нагузашта ҳисобида мешавад.

42.Агар дар озмун номзадҳо барои ишғоли мансабҳои холӣ муайян нагарданд, тибқи муқаррароти Низомномаи мазкур аз нав озмун эълон карда мешавад.

43. Довталаб на дертар аз 5 рӯзи кории баъди ҷамъбасти озмун бо тариқи хаттӣ аз натиҷаи суҳбат хабардор карда мешавад.

44. Ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи довталабоне, ки ба суҳбат иҷозат дода нашудаанд ё аз озмун нагузаштаанд, дар асоси муроҷиати довталаб бо гирифтани забонхат баргардонида мешаванд. Ин ҳуҷҷатҳо мумкин аст дар давоми 3 соли баъди ҷамъбасти озмун дар сохтори кадрии мақоми давлатӣ нигоҳ дошта шаванд.

## 5. ТАЪИНИ ДОВТАЛАБ БА МАНСАБИ ХОЛӢ

45. Роҳбари мақоми давлатӣ уҳдадор аст дар асоси қарори комиссияи озмун номзадҳои барои ишғоли мансабҳои холӣ тавсияшударо дар муҳлати на дертар аз 5 рӯзи корӣ ба мансаб таъин намояд. Дар вақти таъин ба мансаби хизмати давлатӣ бояд талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи қабул ба хизмати давлатӣ риоя карда шавад.

46. Ошкор намудани маълумоти нодурусти пешниҳоднамудаи довталаб, ки боиси тавсияи мусбии комиссияи озмун гардидааст, барои рад намудани таъини довталаб ба мансаби холӣ асос мегардад.

47. Дар сурати ҳозир нагардидани довталаб ҳангоми таъин ё аз таъин ба мансаб даст кашидани номзад мансаб холӣ дониста шуда, аз нав озмун эълон карда мешавад.

48. Роҳбари мақоми давлатӣ ҳуқуқ дорад қарори комиссияи озмунро дар бораи ба мансаби холӣ таъин намудани номзад бо далелҳои асоснок рад ё гузаронидани озмуни такрориро таъин намояд.

49. Мақоми давлатӣ уҳдадор аст на дертар аз 10 рӯзи кории баъди ҷамъбасти озмун оид ба натиҷаҳои озмун ба мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ бо шакли дар замимаи 3 пешбинишуда маълумот пешниҳод намояд.

## 6. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

50. Ҳангоми гузаронидани озмун роҳбари мақоми давлатӣ, кормандони сохтори кадрии мақоми давлатӣ, аъзои комиссияи озмун, гурӯҳи мусоидат ва довталабон ӯҳдадоранд талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Низомномаи мазкурро риоя намоянд.

51. Ҳуҷҷатҳои тартибдодаи комиссияи озмун дорои нишонаи «Барои истифодаи хизматӣ» мебошанд. Довталаб ҳуқуқ дорад бо ҳуҷҷатҳои комиссияи озмун дар қисме, ки ба ӯ дахл доранд, шинос шавад.

52. Довталаб ҳуқуқ дорад аз қарори комиссияи озмун ё роҳбари мақоми давлатӣ ба мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ ё суд шикоят намуда, бекор кардани қарор дар бораи рад намудани ба мансаби холӣ таъин намудан ва ё гузаронидани озмуни такрориро талаб кунад.

53. Мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ шикояти довталабро нисбати қарори комиссияи озмун ва/ё роҳбари мақоми давлатӣ баррасӣ намуда:

- дар сурати ошкор шудани ҳолати риоя нагардидани талаботи Низомномаи мазкур ба роҳбари мақоми давлатӣ дар бораи бекор кардани қарори қабулшуда пешниҳод манзур менамояд;

- дар сурати тасдиқ нагардидани далелҳои шикоят ба мақомоти давлатӣ ва довталаб хаттӣ хабар медиҳад.

54. Роҳбари мақоми давлатӣ ё бо супориши ӯ комиссияи озмун пешниҳоди мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатиро дар давоми на дертар аз 10 рӯзи корӣ баррасӣ менамояд. Роҳбари мақоми давлатӣ ё комиссияи озмун мутаносибан метавонанд қарори пештар қабулшударо бекор ва қарори нав (дар бораи таъин ба мансаб ё гузаронидани озмуни такрорӣ) қабул кунанд ё пешниҳоди мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатиро бо далелҳои асоснок рад намоянд.

55. Бекор кардани қарори қаблан қабулшуда аз тарафи комиссияи озмун барои бекор кардани қарори роҳбари мақоми давлатӣ ва қабули қарори нав (дар бораи таъин ба мансаб ё гузаронидани озмуни такрорӣ) асос мегардад.

56. Агар аз тарафи комиссияи озмун ва роҳбари мақоми давлатӣ қарорҳои қаблан қабулшуда бекор карда нашаванд, мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ ва довталаб ҳуқуқ доранд ба суд муроҷиат намоянд.

57. Озмуни такрорӣ бе эълон кардани озмун тибқи муқаррароти Низомномаи мазкур на дертар аз 5 рӯзи кории баъди бекор кардани қарори комиссияи озмун бо иштироки намояндаи мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ, роҳбари мақоми давлатӣ, ҳайати комиссияи озмун ё ҳайати нави комиссияи озмун бо довталабони дахлдор гузаронида мешавад.

58. Қарори қабулкардаи комиссияи озмун аз натиҷаи озмуни такрорӣ барои қабули қарори дахлдори роҳбари мақоми давлатӣ асос мегардад. Роҳбари мақоми давлатӣ аз рӯи қарори нави комиссияи озмун дар муҳлати на дертар аз 5 рӯзи корӣ қарори дахлдор қабул карда, дар ин бора мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ ва довталабро хабардор менамояд.

Замимаи 1
ба Низомномаи тартиби гузаронидани озмун барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «____» _________ соли 20__
№ _____ тасдиқ шудааст

Ба унвони роҳбари
мақоми давлатӣ
___________________________
Аз номи довталаб
___________________________
(насаб, ном, номи падар)

**А Р И З А**

Хоҳиш менамоям, ки ба ман барои иштирок намудан дар озмун барои ишғоли мансаби холии ________________________________________
(номи мансаби холӣ)
______________________________________________________________________
(номи мақоми давлатӣ)
______________________________________________________________________
иҷозат дода шавад.

Ба ариза ҳуҷҷатҳои зерин замима карда мешаванд:
______________________________________________________________________
______________________________________________________________________
______________________________________________________________________
______________________________________________________________________
______________________________________________________________________
______________________________________________________________________

Барои мавҷуд набудани мамониатҳои муқаррарнамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи қабул ба мансаби давлатӣ, аслӣ будани ҳуҷҷатҳои пешниҳодшуда ва дурустии маълумоти онҳо масъул мебошам.

Барои санҷиши ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаам розӣ мебошам.

____________ ____________________________
(имзо) (насаб, ном, номи падар)

«___» _____________ соли 20___
(санаи пешниҳоди ариза)

Замимаи 2
ба Низомномаи тартиби гузаронидани озмун барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «____» _________ соли 20___
№ _____ тасдиқ шудааст

Варақаи
баҳодиҳии сатҳи дониш ва тайёрии касбии довталаб дар ________________________________________
( номи мақоми давлатӣ)

| Р/т | Насаб, ном, номи падари довталаб | Мансаби ба озмун пешниҳодшуда | Сатҳи дониши ҳуқуқии довталаб, донистани Конститутсия, қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии ба мансаби ишғолшаванда алоқаманд | Сатҳи дониши касбӣ, ки ба тахассуси мансаби ишғол-шаванда алоқаманд аст | Қобилияти ояндабинӣ ва пешгӯии самти фаъолият | Донистани забони давлатӣ, таърих, фарҳанг ва муқаддасоти миллӣ | Донистани забони хориҷӣ | Малака ва маҳорати суханронӣ, ифодаи фикр ва таҳлили масъала | Маҳорати кор бо техноло-гияҳои электро-нии муосир | Ҷамъи холҳо | Эзоҳ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 | 10 | 11 | 12 |
| 1. | | | | | | | | | | | |
| 2. | | | | | | | | | | | |
| 3. | | | | | | | | | | | |
| 4. | | | | | | | | | | | |
| 5. | | | | | | | | | | | |

Аъзои комиссия _______________ ___________________________
(имзо) (насаб, ном ва номи падар)

Замимаи 3
ба Низомномаи тартиби гузаронидани озмун барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «____» _________ соли 20___ № _____ тасдиқ шудааст

**Маълумот**

оид ба баргузории озмун барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ

дар ______________________________ аз «___» _____________ соли 20___
(номи мақоми давлатӣ) (рӯз, моҳ, сол)

Нашри эълон ______________________________
(номгӯи воситаҳои ахбори омма, сомонаҳои мақомоти давлатӣ)

| **Р/т** | Номгӯи мансабҳои ба озмун пешниҳодшуда | Шумораи мансабҳои ба озмун пешниҳодшуда | Шумораи довталабон | Шумораи довталабони ба суҳбат иҷозат дода-шуда | Шумораи довталабони ба суҳбат иҷозат дода нашуда | Аз озмун гузаштанд | | Аз озмун нагузаштанд | | Эзоҳ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | Аз мақоми мазкур | Дигар довталабон | Аз мақоми мазкур | Дигар довталабон | |
| **1** | **2** | **3** | **4** | **5** | **6** | **7** | **8** | **10** | **11** | **12** |
| 1 | | | | | | | | | | |
| 2 | | | | | | | | | | |
| 3 | | | | | | | | | | |
| 4 | | | | | | | | | | |
| 5 | | | | | | | | | | |
| 6 | | | | | | | | | | |
| Ҳамагӣ | | | | | | | | | | |

Дар эзоҳ сабаби ба мансаб таъин нагардидани довталабони аз озмун гузашта шарҳ дода мешавад.

Роҳбари сохтори кадрӣ ____________________ ___________________________________________
(имзо) (насаб, ном ва номи падар)

___________________________________________
(санаи тартиб додан)